**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи **«Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ).

Дар шароити кунунӣ таҳқиқу баррасии масъалаҳои китобшиносӣ ва китобхонашиносӣ мубраму саривақӣ буда, ин самт дар илми муосири тоҷик нодир арзёбӣ шудааст ва ниёз ба пажуҳиш дорад.

Ҷолиби диққат аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шариф дар мавзуи **«Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) маҳз ба яке аз масъалаҳои муҳим бахшида шуда, аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар самти китобхонашиносии тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дорои аҳамияти вежаи илмӣ ва амалӣ мебошад.

Аз омӯзиши муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертант тули солҳои зиёд ба омӯзишу баррасии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон машғул шуда, таъмини инноватсионӣ-методиро дар рушди фаъолияти онҳо муҳим арзёбӣ карда, дар ин замина таҳқиқоти вежа анҷом додааст. Ин аст, ки диссертант ҳангоми омӯзиш ва таҳияи таҳқиқот 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва 1 дастури таълимӣ дар ин самт нашр намудааст, ки ин нишондод шоистаи таҳсин аст.

**Мақсади асосии таҳқиқот асосноксозии назарияаии** амсилаи такмили таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он муайян гардида, диссертант дар заминаи вазифаҳои гузошташуда онро ба хубӣ анҷом додааст, ки он дорои **аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ** мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир гардидааст, ки сарчашмаҳои гуногун оид ба мавзуъ, таҳияву асосноксозии илмии нуктаҳои муҳимтарини мавзуъ, муайян намудани объекту предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарду ҷамъбаст ва тафсири илмии натиҷаҳои он аз ҷониби муаллиф таҳлили амиқи илмӣ карда шудаанд. Ҳамчунин, таҳия ва пешниҳоди амсилаи

консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз нигоҳи методологӣ ва мантиқӣ дуруст таҳия гардидааст. Муқаддимаи диссертатсия фарогири пурраи дастгоҳи илмии таҳқиқот буда, тибқи меъёр таҳия шудааст ва бобу зербобҳои диссертатсия аз нигоҳи илмӣ, мантиқӣ ва методологӣ дуруст муайян ва љобаљо гузошта шудаанд.

Дар умум, автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардида, мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунад.

Автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи **«Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) ба талаботи бандҳои 54, 84-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Миракзода Фаридун Юсуфӣ

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 70.
Тел.: (+992) 934137333
E-mail: faridun.mirakzoda@mail.ru

Имзои Ф.Ю. Миракзодаро
**“Тасдиқ мекунам”**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: (99237)2372582; факс: 2325003
Сомона: www.dbz.tj; E-mail: rektotat.dbzkht.tj@mail.ru

«04» 04 соли 2025

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА